# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Автореферати диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович ба мавзуи дорои аҳаммияти назаррас дар адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Дар маркази таҳқиқ шахсияти Амир Муиззӣ, яке аз чеҳраҳои барҷастаи нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII қарор дорад. Давраи мазкур дар таърихи адабиёти форсу тоҷик марҳалаи муҳим ба шумор меравад, ки дар он шаклу мазмуни шеъру шоирӣ ба авҷи такомули худ расидааст. Маҳз дар ҳамин замон қасида ба унвони жанри асосӣ мақоми баланд пайдо кард ва шоироне чун Муиззӣ ба ҳайси сарвари аҳли сухан дар дарборҳои Салҷуқиён эътироф гардиданд.

Диссертант талош намудааст, ки рӯзгор, осор ва муҳити адабии шоирро дар партави шароити иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии замон таҳқиқ намояд. Девони Муиззӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, аммо пажӯҳиш бо иктифо ба он маҳдуд намешавад. Дар канори он тазкираҳои асримиёнагӣ, манобеи таърихӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони барҷаста низ ба кор рафтаанд. Бо ин роҳ, кори пешниҳодшуда симои шоирро аз паҳлуҳои гуногун бозофарӣ менамояд.

Арзиши илмии кор, пеш аз ҳама, дар он аст, ки то имрӯз омӯзиши монографӣ ва густурдаи шахсияти Муиззӣ дар муҳити адабиёти тоҷик ба таври комил анҷом нагирифта буд. Таҳқиқҳо бештар ба нақлу такрори гуфтаҳои тазкиранависон ва манобеи куҳан маҳдуд будаанд. Пажӯҳишгар кӯшида, ки бо такя ба усулҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ диди нав ба вуҷуд оварад ва холигиҳои мавҷударо пур кунад.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ба таври возеҳ ва дуруст муайян шудаанд. Баррасии муҳити сиёсию фарҳангӣ, таҳлили рӯзгори шахсӣ, тавсифи жанрҳои гуногун ва мушаххас кардани хусусиятҳои бадеӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор доранд. Тартиби мантиқии баёни масъалаҳо ва иртиботи онҳо бо якдигар аз ҷаҳонбинии илмии диссертант шаҳодат медиҳад.

Бахши муҳимми таҳқиқ ба қасида ихтисос ёфтааст, зеро маҳз ҳамин жанр асоси эҷодиёти шоирро ташкил медиҳад. Дар баробари он рубоиёт, ғазалиёт ва қитъаот низ таҳлил шудаанд, ки барои тасвири мукаммали корномаи шоир зарурият доранд. Ҳисобу омори муфассал оид ба шумора ва

мазмуни қасидаҳо ва дигар навъҳои шеърӣ барои матншиносӣ ва таърихи адабиёти классикӣ саҳми муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқ робитаи Муиззиро бо шоирони гузашта, аз ҷумла, Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Унсурӣ ва Фаррухӣ, ба таври возеҳ нишон додааст. Дар баробари ин, муносибатҳои шоир бо ҳамзамонон низ таҳлил шудаанд. Аз ин рӯ, ҷойгоҳи Муиззӣ дар муҳити адабӣ ва таъсири ӯ ба адибони баъдӣ бо далелҳои мушаххас муайян мегардад.

Хусусиятҳои бадеии ашъори шоир бо истинод ба мисолҳои мушаххас дар истифодаи санъатҳои бадеӣ мавриди таъкид қарор гирифтааст. Диссертант нишон медиҳад, ки Муиззӣ на танҳо пайрави анъанаҳои сабки Хуросонӣ, балки соҳибибтикор дар навъҳои гуногуни шеър низ мебошад.

Дар таҳлили хусусиятҳои бадеӣ муҳаққиқ ба масъалаи санъатҳои адабӣ таваҷҷуҳи махсус додааст. Тавоноии шоир дар корбурди ташбеҳ, истиора, муболиға ва дигар саноеи бадеӣ бо мисолҳои мушаххас тасдиқ шудааст.

Кори илмӣ аз ҷиҳати методологӣ низ асоснок аст. Истифодаи усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ-тавсифӣ ва оморӣ ба натиҷаҳои боэътимод овардаанд. Аз нуқтаи назари умумӣ, ҳамаи паҳлуҳои мусбат ба арзиши илмии кори пешниҳодшуда далолат мекунанд. Автореферат на танҳо тасвири зиндагии як шоир, балки ойинаи адабиёти асрҳои XI–XII мебошад. Бо такя ба маводи фаровон ва усулҳои илмӣ диссертант тавонистааст саҳми шоирро дар рушди адабиёти форсу тоҷик муайян намояд ва барои таҳқиқоти оянда замина гузорад.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати иборат буда, бобҳои рисола дар навбати худ ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту передмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ муайян гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **“Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар замони зиндагии Амир Муиззӣ”** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар ин боб уновонҷӯ бори аввал дар соҳаи адабиётшиносии кишвар рӯзгори Амир Муиззӣ ва мероси адабии ӯро таҳқиқи илмӣ намудааст.

**“Рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ”** боби дуюми рисолаи илмӣ буда, дар фаслу зерфаслҳои рисола дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ, баррасии ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ, баррасии маълумоти

адабиёти илмии мавҷуд, шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ, валодат, зодгоҳ, наврасӣ ва касби камол, ҳузури шоир дар дарбор, фарҷоми рӯзгори шоир, ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ, робитаи ҳамзамонон бо Муиззӣ, осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ, таркиби жанрии нусхаҳои чопии девони шоир, мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир, анвои адабии таркиби девони шоир ва мухтассоти онҳо таҳқиқ шудаанд.

Боби сеюми рисола **"Таҳқиқ ва нашри девони Амир Муиззӣ"** номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб доир ба масъалаҳои девони ашъори Муиззӣ ва нусхаҳои дастнависи он дар китобхонаҳои ҷаҳон, чоп ва нашри девони Муиззӣ сухан ба миён омадааст.

Боби чоруми диссертатсия **"Хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ"** аз ду фасл иборат буда, фасли дуюмаш аз се зерфал таркиб ёфтааст. Дар ин боб доир **ба вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии** замони Салҷуқиён, васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ ва дар зерфалҳои охир доир ба **муболиға, иғроқ, ғулӯ, истиора ва ташбеҳ ва анвои он** пажӯҳиш сурат гирифтааст.

Ҳайдаров Фахриддин Наботович бо таҳқиқи илмӣ кашидани мавзуи мазкур тавонистааст, ки дар мавзуи **"Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)"** кори муҳимму арзишманди илмӣ анҷом бидиҳад.

Ҳамин тариқ, автореферати Ҳайдаров Ф.Н. ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди арзишҳои зиёд, кори илмӣ **баъзе камбудӣ** дорад, ки ислоҳи онҳо бар нафъи кор хоҳад буд:

1. Масъалаи таърихи зиндагиномаи шоир ба таври муфассал шарҳ ёфтааст, аммо бархе санаҳо ва ҷузъиёт бо итминон пешниҳоди комил надоранд. Баъзан бо тахмин ва эҳтимол баён шудааст, ки дар кор бояд бо далелҳои қатъӣ иваз мегардид. Масалан, маълумоти вобаста ба валодат ва охири зиндагии шоир ҳанӯз баҳсбарангез аст ва дар автореферат низ бо такя ба тахминҳои тазкиранависон пешниҳод шудааст.

2. Ба масъалаи таҳқиқи сабки фардии шоир низ бояд таваҷҷуҳ мешуд. Салосати забон ва фасоҳати байтҳо бо таърифҳои умумӣ шарҳ ёфтааст, вале мисолҳои аниқи муқоисавӣ бо ҳамзамонон кам оварда шудаанд. Барои исботи бартарии сабки Муиззӣ мебоист, ки қиёс бо қасидаҳои Фаррухӣ, Унсурӣ ва ҳатто, Анварӣ анҷом дода мешуд.

3. Дар бахши марбут ба таъсири Муиззӣ ба баъдиниён, ба мисли Хоқонӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз танҳо ишораҳои умумӣ дида мешаванд. Пажӯҳишгар зикр мекунад, ки сабки Муиззӣ дар шеъри баъдӣ таъсир гузоштааст, аммо далелҳои матнӣ ва мисолҳои дақиқ барои ин иддао оварда нашудаанд. Хуб мебуд, ки бо мисолҳо шарҳ дода мешуд.

Дар ҷамъбаст бояд гуфт, ки баъзе камбудиҳо бештар хислати услубӣ ва шаклӣ доранд. Бо вуҷуди ин, онҳо ба арзиши умумии кори илмӣ таъсир намерасонанд. Эродҳои зикршуда на ба унвони нуқсонҳои ислоҳнашаванда, балки ҳамчун имконият барои такмилбахшии таҳқиқ арзёбӣ мегарданд.

Таҳқиқи анҷомёфта дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Шахсияти Амир Муиззӣ ҳамчун яке аз шоирони маъруфи аҳди Салҷуқиён дар маркази таваҷҷуҳи диссертант қарор гирифта, дар асоси сарчашмаҳои гуногун бозофарӣ шудааст. Баррасии рӯзгор ва осори шоир ба возеҳ гардидани паҳлуҳои зиёди таърихи адабиёти асрҳои XI-XII мусоидат мекунад.

Дар хулоса метавон гуфт, ки диссертант ба ҳадафҳои гузоштаи худ расидааст. Осори Амир Муиззӣ дар партави шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замон таҳқиқ шудааст. Хусусиятҳои бадеӣ ва жанрии ашъори шоир бо ҷузъиёти кофӣ нишон дода шудаанд. Робита бо шоирони пешин ва ҳамзамон низ ба таври мантиқӣ таҳлил гардидааст.

Бо дарназардошти дастовардҳои илмӣ ва арзиши назарию амалии он метавон гуфт, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи автореферат ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ,
сардори раёсати магистратура,
аспирантура ва докторантураи PhD-и
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қосимзода С. С.
5-уми сентябри соли 2025.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Нахимова, бинои 64/8, ҳуҷраи 11
Тел.: (+992) 93-583-76-76
E-mail: soleh_76@mail.ru

Имзои Қосимзода Солеҳ Салимро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Акрамзода Т.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Телефон: (+992-37) 221-50-83; факс: 227-71-00.
Сомонаи расмӣ: www.amit.tj
05.09.2025.